“Тасдиқ мекунам”
Директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ
_____ Қаландариён Ҳ.С.
“ 15 ” августи с. 2026

ХУЛОСАИ
ИНСТИТУТИ ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРИИ БА НОМИ АКАДЕМИК Б.ИСКАНДАРОВИ АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсия дар мавзуи **“Шакл, мухтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифии Лоҳурӣ”** дар шуъбаи фолклор ва адабиёти Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ иҷро шудааст.

Дар давоми омодасозии диссертатсия Шарофиддин Асомиддинзода аз соли 2022 унвонҷӯи шуъбаи фолклор ва адабиёти институти мазкур сабти ном шудааст.

Мушовири илмӣ – Қаландариён Ҳоким Сафар, доктори илмҳои филологӣ, директори Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи шурои олимони Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ аз 17 ноябри соли 2022 таҳти рақами 9 тасдиқ гардидааст.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия чунин хулоса карда шуд:

Воқифи Лоҳурӣ аз ҷумлаи шоирони соҳибистеъдод ва ҳунарманди адабиёти форсизабони Ҳиндустон ба шумор меравад, ки дар замони густаришу нуфузи сабки ҳиндӣ, бар пояи суннатҳои адабии сабки ироқӣ эҷод намуда, дар такмили ин равияи услубӣ саҳми қобили таваҷҷуҳ гузоштааст. Бо вуҷуди арзиши баланди адабӣ ва аҳамияти ҳунарии мероси эҷодии ӯ, ҳаёт, фаъолияти адабӣ ва осори Воқифи Лоҳурӣ то имрӯз ба таври бояду шояд мавриди таҳқиқи муназзам ва фарогири адабиётшиносӣ қарор нагирифтааст. Аз ҳамин ҷост, ки ӯ дар доираи пажӯҳишҳои адабӣ ҳамчун яке аз шоирони нисбатан камтаҳқиқ ва камомӯхтаи адабиёти форсизабони Ҳинд шинохта мешавад. Маълумоти марбут ба насабу аслу насаб, вазъи иҷтимоӣ, муҳити фарҳангиву адабии зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Воқифи Лоҳурӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ

ва адабӣ маҳдуд ва пароканда буда, масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои ҳунарӣ ва поэтикии осори ӯ низ ба таври ҳамаҷониба таҳқиқ нашудаанд. То имрӯз дар бораи эҷодиёти шоир асосан як қатор мақолаҳои алоҳида, девони ғазалиёти ӯ дар шакли ба алифбои тоҷикӣ баргардондашуда ва як монографияи илмӣ ба табъ расидаанд. Бо вуҷуди ин, таҳқиқоти фарогире, ки маҷмуи масъалаҳои марбут ба сохтор, мазмуну мухтаво, мавзуъ, сабку услуб, воситаҳои тасвири бадеӣ ва хусусиятҳои поэтикии ашъори Воқифи Лоҳуриро дар бар гирад, ҳанӯз анҷом наёфтааст. Аз ин рӯ, омӯзиши ҳамаҷонибаи шаклу мухтаво, доираи мавзуиву ғоявӣ, хусусиятҳои сабку услуб ва бадеияти ашъори Воқифи Лоҳурӣ яке аз масъалаҳои муҳими адабиётшиносии муосир ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи мазкур метавонад барои муайян намудани ҷойгоҳ ва мақоми адабии шоир дар таърихи адабиёти форсизабони Ҳинд, равшан сохтани хусусиятҳои ҳунарии эҷодиёти ӯ ва бозшиносии саҳми шоир дар таҳаввули суннатҳои ғазалсаройии форсии тоҷикӣ заминаи илмӣ фароҳам оварад.

Кори диссертатсионии Асомиддинзода Шарофиддин таҳти унвони «Шакл, мухтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ» ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳимми адабиётшиносии тоҷик бахшида шуда, аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, феҳристи сарчашма ва адабиёти истифодашуда, инчунин тавсияҳои марбут ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ иборат мебошад. Мазмун ва самти пажӯҳиши диссертатсия ба доираи масъалаҳои илмии шиносномаи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мувофиқат намуда, бахусус ба талаботи бандҳои 8 ва 9-и шиносномаи ихтисоси мазкур мутобиқ мебошад. Сохтор ва мухтавои диссертатсия ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ мутаносиб буда, масъалаҳои асосии мавриди омӯзиш дар доираи талаботи ихтисоси интихобгардида баррасӣ шудаанд.

Мақсади асосии таҳқиқи мазкур муайян намудани хусусиятҳои шаклӣ, мазмунӣ ва мундариҷавии ашъори Воқифи Лоҳурӣ, инчунин таҳлилу баррасии мавзуъ ва ғояҳои меҳварии эҷодиёти шоир ва муайян намудани ҷойгоҳу аҳамияти онҳо дар рушди адабиёти давраи мавриди назар мебошад. Дар ин замина, таҳқиқ ба ошкор сохтани вижагиҳои хоси сабки шоирӣ, тарзи баёни андеша, истифодаи воситаҳои тасвири бадеӣ ва нақши онҳо дар ифодаи маъноҳои эстетикӣ, ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва фалсафии ашъори Воқифи Лоҳурӣ равона карда мешавад. Ҳамзамон, дар диссертатсия тасвирҳои бадеӣ ҳамчун яке аз муҳимтарин воситаҳои офариниши ҷаҳони шоирона мавриди омӯзиш қарор мегиранд. Дар баробари ин, кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки робитаи шаклу мазмун, мутаносибати воситаҳои бадеӣ бо ғояву мавзуъҳои ашъор ва

хусусиятҳои забонӣ ва услубии осори шоир муайян карда шавад. Дар ҳамин замина, мақсади ниҳоии таҳқиқ муайян ва нишон додани хусусиятҳои муҳимтарини эҷодиёти Воқифи Лоҳурӣ тавассути таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуъ, мазмун, шакл, ғоя, тасвирҳои бадеӣ ва вижагиҳои услубии ашъори ӯ мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки барои нахустин бор дар адабиётшиносии тоҷик зиндагӣ ва мероси адабии Воқифи Лоҳурӣ ба таври фарогир таҳқиқ гардидааст. Дар ҷараёни пажуҳиш теъдод, сохтор, мазмун ва хусусиятҳои жанрии осори ду девони шоир муайян ва таҳлил шуда, жанрҳои ғазал, рубоӣ, маснавӣ, мухаммас ва тарҷеъбанд аз ҷиҳати шакл, муҳтаво ва вижагиҳои ҳунарӣ ҳамаҷониба баррасӣ шудаанд.

Саҳми шахсии довталаб дар интихоби мавзуъ, ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва таҳлили мустақилонаи маводи илмӣ, муқоисаи сарчашмаҳои боэътимод ва интихоби матнҳои ашъори Воқифи Лоҳурӣ аз ду девони ӯ ифода меёбад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии таҳқиқот маҳсули пажуҳиши мустақилонаи унвонҷӯй буда, саҳми шахсии ӯро дар анҷоми таҳқиқоти илмӣ бозгӯ мекунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ. Натиҷаҳои диссертатсия барои омӯзиши таърихи адабиёт, назарияи адабиёт ва нақди адабӣ аҳаммияти амалӣ дошта, метавонанд ҳамчун маводи илмӣ дар таҳқиқоти минбаъда истифода шаванд. Таҳлили воситаҳои тасвирии ашъори Воқифи Лоҳурӣ, аз ҷумла параллелизм, парадокс ва ҳиссомезӣ, инчунин барои пажуҳишҳои забоншиносӣ аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Натиҷаҳои марбут ба андешаҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ ва равонии шоир низ метавонанд дар таҳқиқи масъалаҳои инсоншиносӣ, равоншиносӣ ва фалсафа истифода шаванд. Маводи диссертатсия барои таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олӣ, бахусус ҳангоми омӯзиши адабиёти форсизабони Ҳиндустон дар асри XVIII, судманд мебошад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар таълифи таърихи адабиёти форсизабони шибҳи қораи Ҳинд мавриди истифода қарор гиранд.

Вазифаҳои таҳқиқ. Бо мақсади муайян намудани шаклу сохтор, мазмуну мундариҷа, доираи мавзуъҳо ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ ҷамъоварӣ, баррасӣ, таҳлил ва таснифи сарчашмаҳои таърихӣ, тазкираҳо, манбаъҳои илмӣ, инчунин дебоча ва муқаддимаҳои девонҳои шоир ба роҳ монда шуда, марҳалаҳои ҳаёт, навъу жанр ва теъдоди осори ӯ муайян карда мешавад. Ҳамчунин намунаҳои ашъори шоир аз ҷиҳати инъикоси воқеаҳои зиндагӣ, хулқу атвор, сирату сурати ӯ таҳлил гардида, бар асоси сарчашмаҳои мавҷуда зиндагиномаи Воқифи Лоҳурӣ таҳия ва шаклу теъдоди ашъори ӯ муайян карда мешавад.

Теъдоди ғазалиёт ва абёти онҳо тавассути муқоисаи ду нусхаи дастраси девони шоир муайян гардида, хусусиятҳои мундариҷавӣ ва мавзуии ғазалҳо, муносибати вазн ва мундариҷа, нақши вазн дар ифодаи мазмуну эҳсосот, инчунин дараҷаи таносуби тасвир ва устухонбандии ғазалҳо таҳқиқ карда мешавад. Теъдоди рубоиҳои Воқифи Лоҳурӣ муайян гардида, архитектоника ва композитсияи онҳо, хусусиятҳои қофияву радиф, мазмуни ғоявӣ, мавзуъ ва вижагиҳои бадеии онҳо мавриди таҳлил қарор мегирад. «Маснавӣ дар васфи Сабғатуллоҳхон Мирсомон» аз лиҳози сохтори композитсионӣ, мазмуну мундариҷа ва унсурҳои тасвири бадеӣ таҳқиқ шуда, хусусиятҳои қолабӣ ва жанрии мусамматҳо ва тарҷеъбандҳои ашъори Воқифи Лоҳурӣ муайян карда мешавад. Ҳамчунин муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии мухаммасҳо ва тарҷеъбандҳои шоир мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Натиҷаҳои таҳқиқи мавзуи марказии диссертатсионӣ, ки дар заминаи омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи сарчашмаҳои таърихӣ, адабӣ ва илмии дастрас ба даст омадаанд, барои муайян намудани ҷойгоҳ, мероси адабӣ ва хусусиятҳои ҳунарии ашъори Воқифи Лоҳурӣ заминаи муҳим фароҳам меоранд. Нуктаҳои асосии илмии таҳқиқ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, инҳоянд:

1) Дар барқарор намудани санаҳои ҳаётии шоир ва нишон додани ҳунари шоирии ӯ маълумоти тазкиранависони ҳамасри шоир, мақолаҳои ҷудогонаи муҳаққиқони Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон ва дебочаву муқаддимаҳои девони Воқифи Лоҳурӣ манбаъҳои асосӣ ба шумор мераванд. То ҳамода гардидани кори диссератсионии мазкур ин мавод ва манбаъ берун аз ҷамъоварӣ, тасниф ва таҳлили якҷоя қарор гирифта буд.

2) Намунаҳои ашъори шоир, ки дар нусхаҳои девон, тазкираҳо ва мақолаҳои ҷудогонаи муҳаққиқон дарҷ ёфта буданд, яке аз манбаъҳои муайян кардани лаҳзаҳои ҳаёт, хулқу атвор ва сирату сурати шоир ба шумор мераванд. Бовуҷуди дастрас гардидани қариб ҳамаи маълумоти мавҷуда роҷеъ ба Воқифи Лоҳурӣ, бисёре аз санаҳои зиндагӣ, махсусан муайян намудани соли таваллуд, даврaҳои аввали ҷавонӣ ва замони ба шеърнависӣ иқдом кардани шоир то ҳанӯз ба таври бояду шояд мушаххас нашудаанд.

3) Муайян намудани хусусиятҳои мундариҷавӣ ва мавзуии ғазалҳои шоир аз як тараф ва таҳлили вазну унсурҳои шеърии онҳо аз ҷониби дигар нишон дод, ки дар миёни композитсия ва муҳтавои ин жанри лирикии ашъори шоир мувозинат ва мувофиқатии қавӣ вуҷуд дорад.

4) Жанри рубоӣ, ки дар ашъори шоир пас аз жанри ғазал ҷои намоёнро ишғол мекунад (209 рубоӣ), аз ҷиҳати архитектоникаю композитсия ва мухтассоту мушаххасоти қофия ва радиф дорои

намоёнро ишғол мекунад (209 рубоӣ), аз ҷиҳати архитектоникаю композитсия ва мухтассоту мушаххасоти қофия ва радиф дорои ҷолибияти махсус мебошад. Аз ҷиҳати мавзуъ ва муҳтаво бошад, онҳо асосан вобаста ба вазъи фардӣ ва муҳити шоирро иҳотакарда эҷод шудаанд ва мавзуъҳои ошиқона, орифона, авзои фардии шоир, ғарибӣ ва дурӣ аз ватан, мазаммати ашхос ё гурӯҳи ашхос, панду андарз, мазаммати норозигиҳои эътиқодӣ ва динию мазҳабӣ, афсӯсхӯрӣ аз умри ҷавонӣ ва надомати умри пирӣ иборат мебошанд.

5) Агарчи дар эҷоди аксари рубоиҳои Воқифи Лоҳурӣ таъсири сабки рубоисароии халқӣ эҳсос шавад ҳам, дар мавридҳои ҷудогона ва мавзуъҳои алоҳида, дар гуфтори шоир ибораву калимаҳо ва тарзи тасвири Ҳаким Умари Хайём ва ва сабки Абусаиди Абулхайр баръало дида мешавад.

6) Таҳлили шакл ва жанри ашъори Воқифи Лоҳурӣ нишон дод, ки дар эҷодиёти шоир асаре бо номи «Маснавӣ дар васфи Сабғатуллоҳхон Мирсомон Саркор Навоб Шуҷоъ-уд-Давла Баҳодур дар иҳзори ҳоли худ» дар 42 байт ва вазни Хафифи мусаддаси маҳзуф (мақсур) мавҷуд аст, ки мавзуи он пурсидани кӯмак тавассути мадҳи мамдуҳ барои баргаштан ба ватан аз ғурбат мебошад.

7) Дар жанри маснавӣ, вале бо дарбаргирии тамоми унсурҳои анъанавии қасидаи мукаммал, яъне қисматҳои матлаъ, ташбиб, насиб, тахаллус ё гурез, мадҳ, дуо ва мақтаъ эҷод шудани «Маснавӣ...» аз вежагиҳои ин шакли шеърӣ дар эҷодиёти шоир шинохта мешавад.

8) Мушоҳида шуд, ки дар миёни ашъори Воқифи Лоҳурӣ аз навъи мусамматҳо ва тарҷеъот танҳо як жанри мухаммас ва як тарҷеъбанд мавҷуданд. Ба теъдоди ночизи ин ду жанри адабӣ дар ашъори шоир нигоҳ накарда, онҳо нишондиҳандаи маҳорати шоир дар эҷоди ин навъи ашъор буда, шоир зимни эҷоди онҳо бар мабнои анъана, чанд навовариро ҳам ба вуҷуд овардааст.

Мувофиқати кор ба ихтисоси илмӣ: Мазмун, ҳадаф ва вазифаҳои диссертатсия ба бандҳои шиносномаи ихтисоси 6.2.5. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ (аз ҷумла бахшҳои таърихи адабиёт ва таъсиру равобити адабӣ) комилан мувофиқат мекунад.

Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия:

I. Монография

1. Асомиддинзода, Ш. Воқифи Лоҳурӣ ва ғазалиёти ӯ [Матн] / Шарофиддин Асомиддинзода. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 264 с.

II. Мақолаҳои тавсиякардаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия:

1. Асомиддинзода, Ш. Вижагиҳои истифодаи радиф дар рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2025. – № 4 (117). – С. 244–249.
2. Қаландариён, Ҳ. С., Асомиддинзода Ш. Чанд андеша перомуни ҳунари рубоисароии Воқифи Лоҳурӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2025. – № 1/4 (140). – С. 10–15.
3. Асомиддинзода, Ш. Хусусиятҳои мавзӯӣ ва жанрии тарҷеъ дар ашъори Воқифи Лоҳурӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. – 2025. – № 1/3 (137). – С. 15-23.
4. Асомиддинзода, Ш. Баҳси масъалаи теъдоди абёт дар ғазал аз ҷониби муҳаққиқони шеъри форсии тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2025. – № 4 (41). – С. 277–282.
5. Асомиддинзода, Ш. Муқоисаи теъдоди абёт ва сохтори ғазалҳои ду девони дастраси Воқифи Лоҳурӣ // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – 2025. – № 4 (41). – С. 353–359.
6. Асомиддинзода, Ш. Мухтасари зиндагиномаи Воқифи Лоҳурӣ ва теъдоду шакли ашъори ӯ // Фурӯғи илм. Маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – 2025. – № 3 (07). – С. 270–274.
7. Асомиддинзода, Ш. Чанде аз хасоиси баҳри ҳазаҷ дар ғазалҳои Воқифи Лоҳурӣ // Фурӯғи илм. Маҷаллаи байналмилалии илмӣ. – 2025. – № 3 (07). – С. 274–282.
8. Асомиддинзода, Ш. Мундариҷа ва унсурҳои тасвир дар «Маснавӣ дар васфи Сабғатуллоҳхон Мирсомон» // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – 2025. – № 3. – С. 107–116.
9. Асомиддинзода, Ш. Мундариҷаи ғоявӣ, мавзуъ ва бадеияти рубоиҳои Воқифи Лоҳурӣ // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – 2025. – № 3. – С. 128–139.
10. Асомиддинзода, Ш. Архитектоникаи рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ // Масъалаҳои илмҳои гуманитарӣ. – 2025. – № 4. – С. 180–191.
11. Қаландариён, Ҳ., Асомиддинзода Ш. Чанд андеша перомуни ҳунари рубоисароии Воқифи Лоҳурӣ // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахши илмҳои гуманитарӣ. – 2025. – № 1 (01). – С. 78–85.
12. Асомиддинзода, Ш. Вижагиҳои композитсионии «Маснавӣ дар васфи Сабғатуллоҳхон Мирсомон»-и Воқифи Лоҳурӣ // Номаи донишгоҳ. – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. – 2026. - № 1 (86). – С. 249-256.
13. Асомиддинзода, Ш. Қофия ва вижагиҳои шаклии рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ: як таҳлили адабӣ // Номаи донишгоҳ. – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров. – 2026. - № 1 (86). – С. 236-241.
14. Асомиддинзода, Ш. Таносуби тасвир бо устухонбандӣ дар ғазалҳои Воқиф. // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – 2026. – № 1 (61). – С. 302–311.

III. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

15. Асомиддинзода, Ш., Худоёрзода Р. Нигоҳе ба девони Воқифи

Лоҳурӣ / Девони Воқифи Лоҳурӣ. – Душанбе: Ашӯриён, 2015. – С. 3-26.

16. Асомиддинзода, Ш. Қофия ва вижагиҳои шаклии рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ: як таҳлили адабӣ // Навиди илм. – 2025. - № 2. – С 190-198.

17. Асомиддинзода, Ш. Ҷойгоҳи тасвир дар сохтори ғазалҳои Воқиф / Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Муошират бисёрфарҳангӣ, нақши забонҳо, адабиёт ва илм дар рушди ҷомеаи муосир" (ш. Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – С. 399-409.

18. Асомиддинзода, Ш. Ҷанбаҳои арузии ғазалҳои Воқифи Лоҳурӣ / Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Муошират бисёрфарҳангӣ, нақши забонҳо, адабиёт ва илм дар рушди ҷомеаи муосир" (ш. Душанбе, 20 ноябри соли 2025). – С. 481-490.

19. Асомиддинзода, Ш. Махсусиятҳои қофияпардозӣ ва сохтори шаклии рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ / Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии "Робиндранат Такур ва мақоми ӯ дар густариши равобити адабии Шарқу Ғарб" (Душанбе, 23 декабри соли 2025). – С. 395-405.

20. Асомиддинзода, Ш. Вижагиҳои қофиявӣ ва сохтории рубоиёти Воқифи Лоҳурӣ: таҳлили адабию бадеӣ / Иқтидори зеҳнии минтақаҳои баландкӯҳ: илм, ҷомеа ва моделҳои рушди устувор: Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ. – Хоруғ, 9 апрели соли 2026. – С. 43-53.

21. Асомиддинзода, Ш. Вижагиҳои миқдориву жанрии ашъори Воқифи Лоҳурӣ / Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амадӣ дар мавзуи "Масъалаҳои мубрами филологияи шарқ ва робитаҳои забониву адабӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ" (ш. Душанбе, 30 апрели соли 2026). – С. 448-452.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ. Натиҷаҳои диссертатсия маҳсули таҳқиқи мустақилонаи унвонҷӯй буда, саҳми шахсии ӯ дар чанд самти асосӣ зоҳир мегардад: интихоби мавзуъ ва пешниҳоди он барои тасдиқ, ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва таҳлили маводи илмӣ; мутолиа, муқоиса ва истифодаи сарчашмаҳои муътамад оид ба зиндагӣ ва мероси Воқифи Лоҳурӣ, таҳияи мустақилонаи бобҳо ва ба даст овардани натиҷаҳои илмӣ. Ҳамчунин, намунаҳои ашъори шоир тавассути муқоисаи ду девон интихоб гардида, барои таҳлил матнҳои саҳеҳтар ба кор гирифта шудаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ фароҳам омада, сохтори он ба мақсаду вазифаҳои пешгузоштаи таҳқиқ мувофиқ буда, мазмуну мундариҷаи ҳар як бахш пайдарпай ва мантиқан ба ҳамдигар иртибот доранд. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети пажуҳиш, сарчашмаҳои таҳқиқ, равишҳои методологӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии кор ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян гардидаанд. Бобҳои диссертатсия паҳлуҳои муҳимми ҳаёт ва фаъолияти эҷодии Воқифи Лоҳурӣ, хусусиятҳои шакливу мазмунӣ ва жанрии ашъори ӯ, инчунин вижагиҳои тасвиру баёни шоирро дар бар гирифта, ҳар як боб дар асоси масъалаҳои мушаххаси таҳқиқ ба зербобҳои

алоҳида ҷудо карда шудааст. Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқ ҷамъбаст гардида, аҳамияти илмии онҳо нишон дода шуда, барои истифодаи амалии натиҷаҳои бадастомада тавсияҳои дахлдор пешниҳод гардидаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва инъикоси кор дар матбуот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо нашри мақолаҳои илмӣ ва монографияи «Воқифи Лоҳурӣ ва ғазалиёти ӯ» (2017) тасдиқ мегардад. Ин монография то имрӯз таҳқиқоти асосии илмӣ дар бораи Воқифи Лоҳурӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор рафта, аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун манбаи илмӣ дар омӯзиши адабиёти форсизабони Ҳиндустон, бахусус адабиёти асри XVIII, истифода мешавад. Ҳамчунин, бори нахуст «Девони Воқифи Лоҳурӣ» бо алифбои тоҷикӣ (2015) ба нашр расидааст, ки барои омӯзиши зиндагӣ ва эҷодиёти шоир, инчунин таҳқиқи шеъри форсии тоҷикии асри XVIII заминаи муҳими илмӣ фароҳам овардааст. Ба илова, натиҷаҳои кор дар 21 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 14 мақола дар маҷаллаҳои тавсияшудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр ва беш аз панҷ маъруза дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ ироа гардиданд.

Тавсияҳои марбут ба истифодаи амалии натиҷаҳои диссертатсия асоснок буда, имкони татбиқи васеъ доранд. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар омӯзиши таърихи адабиёти тоҷик дар Ҳиндустон, таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, инчунин дар пажуҳишҳои назарияи адабиёт ва сабкҳои ҳиндӣ ва ироқӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳамчунин барои анҷоми корҳои илмӣ, магистрӣ ва дипломӣ ва таҳқиқи ҷанбаҳои забонӣ, иҷтимоӣ, фалсафӣ ва равонии эҷодиёти Воқифи Лоҳурӣ заминаи судманд фароҳам меорад.

Дар баррасии диссертатсия олимони Институт, докторони илмҳои филологӣ Охонниёзов В.Д., Абдулназарзода А.А., Офаридаев Н., Аламшоев М., номзадони илмҳои филологӣ Қурбонхонова Н., Бехроншо Ҷумъа, Шакармамадов О. ва Некушоева Ш. ва ходимони илмӣ Ризвоншоева Н. ва Наврӯзова Ҳ.Ш. иштирок намуда, оид ба дастовардҳои кор изҳори назар намуданд.

Бо дарназардошти андешаҳои зикршуда, диссертатсияи Асомиддинзода Шарофиддин дар мавзуи **«Шакл, муҳтаво, мавзуъ ва хусусиятҳои бадеии ашъори Воқифи Лоҳурӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз **рӯйи ихтисоси 6.2.15 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ** таҳия гардидааст, таҳқиқоти илмии мустақилона, мукаммал ва дорои арзиши назариявию амалӣ мебошад. Он ба талаботи мукарраргардида ҷавобгӯ буда, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ ва диссертатсия сазовори ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ мебошад.

Хулоса дар ҷаласаи шуъбаи фолклор ва адабиёти Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови АМИТ қабул ва ба тасвиб расидааст. Дар ҷаласа иштирок доштанд 10 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” – 10 нафар, “бетараф” – нест, “муқобил - нест, суратҷаласаи № 6, аз "15" августи соли 2026.

Раиси ҷаласа:
Доктори илмҳои филологӣ, сарходими
илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти
Институти илмҳои гуманитарии ба номи
академик Б.Искандарови АМИТ
_____**Абдулназарзода Абдулназар Абдулқодир**

Котиби ҷаласа:
Номзади илмҳои филологӣ, мудири
шуъбаи фолклор ва адабиёти
Институти илмҳои гуманитарии ба номи
академик Б.Искандарови АМИТ
_____**Қурбонхонова Нуриҷаҳон Мирасановна**

“Имзои Абдуназарзода А.А. ва Қурбонхонова Н.М.-ро тасдиқ мекунам”.

Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
илмҳои гуманитарии ба номи академик
Б. Искандарови АМИТ _____**Искандаршоева З.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

Маълумот барои тамос:
Нишонӣ: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4.
Тел.: (+992) 934541166
E-mail: dilya.04.11@mail.ru